## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи «Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

Дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои назаррасе дар рушди иҷтимоиву иқтисодиёт ба вуқӯъ омада пеш аз ҳама бо такмил ёфтани низоми таҳсилот вобаста аст, кадоме ки дар навбати худ ба болоравии самаранокии беҳдошти тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб ба кору зиндагии мустақилона, тарбияи шаҳрвандони соҳибмаърифати ҷомеа мусоидат мекунад.

Дар рисола муаллиф дараҷаҳои илмӣ - навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии тадқиқотии худро ба масъалаи шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намудааст. Ба ақидаи муаллиф муҳимияти ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони ҷавон имрӯз пеш аз ҳама бо тағйироти куллии ҷомеаи мо дар тамоми сатҳҳо муайян мегардад, ки азнавсозии тафаккурро талаб мекунад. Агар ташаккули ҷаҳонбинии илмии ҷамъиятӣ талаботи исроркоронаи такмили ҷомеа бошад, пас нисбати ҷавонон ва дар маҷмӯъ ба хонандагон аҳамияти бағоят муҳим дорад, хусусан, ки он бо назардошти воқеияти имрӯза пурра коркард нашудааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва озмоишиҳои муқарраркунанда ва инкишофдиҳанда (тест, анкета, пурсиш, суҳбатҳо бо хонандагону волидайни онҳо, мушоҳидаҳо, омӯзиши роҳҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ) тасдиқ менамояд. Ҳадафи таҳқиқотро Худойназаров М. А. дар асосноксозии назариявӣ ва

таъмини методии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебинад.

Дар боби якум бобати масъалаҳои марбут ба «Асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» моҳият ва мундариҷаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлил шудаанд, сохтори мундариҷавии амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон баррасӣ гардида, хулосаҳо бароварда шудаанд.

Дар боби дувуми диссертатсия «Технологияи педагогии инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ» аз ҷониби муаллиф таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ пешниҳод гардидааст, ки дар он таҳлили коркард ва истифодаи китоби дарсии электронӣ ҳамчун воситаи самарабахши технологияҳои иттилоотӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон амалӣ гардида, ҷанбаи мундариҷавии истифодаи босамари амсилаи графикӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии хонандагон муайян карда шудааст, ба самаранокии мундариҷаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим баҳо дода, хулосаҳои дахлдор бароварда шудаанд.

Дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ Худойназаров М. А. бо истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ба тарҳрезии амсилаи графикӣ оид ба инкишофи қобилияти кор кардани хонандагон бо манбаъҳои гуногуни иттилоот таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таҳлили истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, мисли «китоби дарсии электронӣ», «амсилаи графикӣ», «маводи дидактикии проблемавӣ» имкон додааст,

ки муносибати хонандагон ба масъалаҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ зимни омӯзиши фанҳои гуногуни мактаби ибтидоӣ ошкор гардад. Дар ҷадвалҳо ба таври возеҳ ва равшан маълумоти қиёси натиҷаҳо дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ оварда шудаанд.

Омӯзиш ва таҳлили мундариҷаи автореферат ва корҳои чопшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки тадқиқоти гузаронидаи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқ аст.

Умуман, автореферати диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович ба талаботҳои Низомномаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ"- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста аст.

Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони
кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи
иқтисодиёт ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Насриддинова Майсара Муйдиновна

Суроға: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,
хиёбони Исмоили Сомонӣ 169. Тел: (+992) 928351611
Суроғаи электронӣ: maisaranasriddinova@gmail.com, сомона: www.iet.ti

Имзои М.М. Насриддиноваро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
Давлатии тиҷорати Тоҷикистон Маҳмудов Ш.У.